Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№23 (1172)

Панҷшанбе,
6 июни соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

# Боҷу хироҷ

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Истифодаи МНХ дар НФС-ҳо








## Вазъи гузариш ба шакли электронӣ

Шакли электронии эъломия - омили пешгирикунандаи ҳолатҳои фасод

с. 4

ПРЕЗИДЕНТ



### Ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд

Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пас аз музокирот бо Президенти Шӯрои Аврупо Доналд Туск

с. 2

АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРӢ

### Ҳолати гузариш

Камбудиҳо дар андозбандии соҳибкорони инфиродии бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда

с. 6

ФАРҲАНГИ АНДОЗ

### Ташаббусҳои созанда

Баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ – омили коҳиш ёфтани қарзи андоз

с. 8

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

### Хулоса аз таҳлил

Ҳолати андозбандии иҷораи молу мулки ғайриманқул

с. 9

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

### Дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ - маҳаки асосии тақвияти содирот

Тадбирҳо бахри дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, ташкили истеҳсолоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ва ташкили хизматрасониҳои муосир

с. 10

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

### Рафъи камбудиҳо

Санҷиши фаъолияти андоз-супорандагоне, ки ба хариду фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт машғуланд

с. 11

## Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**31 май дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст “Оид ба ҷараёни иҷрои Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 дар соли 2018” ва Дар бораи “Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022” ҳисоботи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуъмон Абдуғаффорзода шунида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки ҷиҳати татбиқи саривақтию босамари барномаи рушди сайёҳӣ, беҳдошти инфрасохтори соҳа, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадбирҳои мушаххас андешида шавад. Барои ба ҷаҳониён шиносонидани сарзамини аҷдодӣ, ҷойҳои таърихӣ аз нав эҳё гардидаву ба хатсайрҳои сайёҳӣ ворид гардад. Бо таҳияи барномаҳои махсус табиати зебову нотакрори кишвар, обҳои мусаффои чашмаҳо, руду дарёҳо, меваҳои хуштаъм, гулу гиёҳҳои шифобахш, сайёҳии шикорӣ, таомҳои миллӣ, расму оинҳои бою қадимаи миллати тоҷик ва ҳунарҳои мардумӣ, ба таври васеъ ташвиқу тарғиб карда шавад.

Сипас дар кори маҷлис масъалаҳо Дар бораи Тартиби баргардонидани маблағҳо аз ҷониби мутахассисони ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил намудаанд, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019” ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” муҳокима гардид.

Аъзои Ҳукумати мамлакат баъди муҳокима барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ”, Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ва Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи парандапарварӣ”-ро ирсол карданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати кишвар масъалаҳои дигар, аз ҷумла Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ ва Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти стипендия ба донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рафти маҷлис ҳамчунин Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ оид ба ҷараёни тадбирҳои ободонӣ дар пойтахти кишвар, вусъати корҳои созандагӣ дар иншоотҳои ҷашнии 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, таъмини фаровонии маводи ниёзи аввал дар бозорҳои шаҳр, аз қабили меваю сабзавот, орд, равған, гушт, танзими нарх дар бозорҳо бо ташкили намоиш-фуруши маҳсулоти кишоварзӣ, расонидани кумакҳои яквақтаи хайрия ба сокинони ниёзманд, омодагии пойтахт ба чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ, ҳисобот доданд.

Дар охири кори маҷлис Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини иҷрои супоришҳои маҷлиси навбатӣ ва амалӣ кардани дигар дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо супоришҳои мушаххас доданд.

Дастурҳо барои омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистон, омодагии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ба давраи зимистон, захираи кофии маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ, ҷамъоварии беталафи ҳосили саҳро, афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар, вусъати корҳои ободонию бунёдкорӣ ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ — 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии моддии табақаҳои ниёзманди ҷомеа дар моҳи шарифи Рамазон, дар рӯзи ид ба эҳтиёҷмандон расондани фитри рӯза, дода шуд.

# Ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд

**Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пас аз музокирот бо Президенти Шӯрои Аврупо Доналд Туск**

**Муҳтарам ҷаноби Туск,**
**Муҳтарам намояндагони васоити ахбори омма,**
**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Мо чанд лаҳза пеш бо меҳмони олиқадри худ — Президенти Шӯрои Аврупо, Ҷаноби Олӣ Доналд Туск, ки бо нахустин сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор доранд, мулоқоту музокирот ва суҳбатҳои самарабахшро ба анҷом расонидем.

Равобити ҳасана ва дӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо тайи давраи соҳибистиқлолии давлати мо бар пояи усулҳои баробарҳуқуқӣ, ҳусни тафоҳум, эҳтирому эътимод ба якдигар ва риояи манфиатҳои тарафайн ба роҳ монда шуда, дар маҷрои созанда бомаром рушд карда истодаанд.

Имрӯз Иттиҳоди Аврупо аз ҷумлаи шарикони муҳими Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Сафари Президенти Шӯрои Аврупо муҳтарам Доналд Туск ба Тоҷикистон боз як нишонаи возеҳи ҳавасмандии ҷонибҳо ба идома додани ҳамкориҳои судманду гуногунпаҳлӯи худ мебошад.

Мо имрӯз атрофи тамоми масоили мавриди назари тарафайн, бахусус вазъи кунунии муносибатҳо, роҳҳои таҳкиму тавсеаи минбаъдаи онҳо ва мавзӯъҳои минтақавию байналмилалӣ муколамаи судманд анҷом додем.

Бо камоли қаноатмандӣ таъкид гардид, ки дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ ва шарикӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки як даҳсола пеш ба имзо расидааст, робитаҳои тарафҳо тақвияту тавсеа ёфта истодаанд.

Дар баробари ин, қайд карда шуд, ки дар Осиёи Марказӣ ва берун аз он равандҳои нави сиёсию иқтисодӣ ва амниятӣ ташаккул ёфтаанд.

Ин воқеият зарурати васеътар кардани доираи рӯзномаи ҳамкориҳо ва таҷдиди заминаи ҳуқуқии онҳоро пеш овардааст.

Ин аст, ки мо масъалаи мазкурро мавриди музокирот қарор дода, барои оғоз бахшидан ба раванди таҳия ва ба имзо расонидани Созишномаи тавсеаёфтаи шарикию ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба мувофиқа расидем.

Дар музокирот бахши иқтисодии ҳамкориҳоямон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифт.

Дар ин замина, тақвият бахшидан ба асосҳои меъёрву ҳуқуқии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупоро тақозои рӯз донистем.

Дар ин робита мо оғози раванди воридшавии Тоҷикистонро ба Барномаи имтиёзҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо — «Ҷи Эс Пи Плюс» (GSP+) -, ки содироти молу маҳсулоти кишвари моро ба қаламрави Иттиҳоди Аврупо аз имтиёзҳои гумрукӣ бархурдор хоҳад кард, баррасӣ намудем.

Ҳамзамон, мо зарурати тақвияти нақши Аврупоро чун шарики рушди Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишварамон таъкид кардем.

Бо арзи сипос таъкид карданиам, ки ҳаҷми умумии кумаки Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон танҳо барои давраи то соли 2015 зиёда аз 500 миллион евроро ташкил додааст.

Айни замон дар чаҳорчуби Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ барои кумак ба Тоҷикистон дар соҳаҳои рушди маҳал, тандурустӣ ва маориф лоиҳаҳо бо маблағи зиёда аз 250 миллион евро татбиқ шуда истодаанд.

Стратегияи рушди миллӣ то давраи соли 2030, ки омилҳои калидӣ ва роҳу василаҳои рушди дарозмуддату устувори Тоҷикистонро муайян мекунад, бахши муҳими суҳбати мо буд.

Ҷониби Тоҷикистон иброз дошт, ки Иттиҳоди Аврупоро дар қатори Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид чун шарики калидии татбиқи ин Стратегия дидан мехоҳад.

Мо нигаронии амиқи худро аз хатари густариши терроризму зуҳуроти экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддиру қочоқи силоҳ, иброз доштем.

Дар ин замина, мо бар он андеша будем, ки падидаҳои мазкур муқовимати муштараки ҷомеаи ҷаҳониро дар муқобили онҳо тақозо менамояд. Зимнан таъкид намудем, ки ҳар ду ҷониб ҳамкориҳояшонро дар мубориза бар зидди ин зуҳуроти хатарзо тақвият хоҳанд бахшид.

Дар рафти музокирот ба амнияту суботи марзҳои Тоҷикистон ва вазъи Афғонистону минтақа дар маҷмӯъ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд.

Дар ин росто, Муколамаи амниятии сатҳи баланд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо чун абзори муҳим арзёбӣ гардид.

Мо ниёзмандии ҷониби Тоҷикистон ба мустаҳкам намудани хатти сарҳад ва мусоидати Иттиҳоди Аврупоро дар ин амр, аз ҷумла тавассути тавсеаи барномаҳои БОМКА ва КАДАП, таъкид доштем.

Ҳамзамон, мо татбиқи лоиҳаҳои минтақавиро баҳри беҳтар намудани сатҳи иқтисодию иҷтимоии Афғонистони ҳамҷавор омили муҳими истиқрори вазъ дар он унвон кардем. Вобаста ба ин, мо аз Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ, ки соли ҷорӣ қабул мешавад, истиқбол намудем.

Нақши ҳамкориҳои гуманитарӣ дар раванди рушди робитаҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо хеле муҳим дониста шуд ва ҷонибҳо зарурати тақвияту густариши бештари онҳоро бори дигар таъкид карданд.

Ҷонибҳо ба Муколамаи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, омодагии худро барои идомаи он иброз намуданд. Ҷонибҳо масоили марбут ба минтақаи Осиёи Марказиро, ки солҳои охир хислати хеле мусбиро касб кардаанд, муҳокима карданд.

Масоили мухталифи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳаводиси ташвишовар дар мамлакатҳои Ховари Миёна низ, мавриди мубодилаи афкор дошт.

Дар ин иртибот, мо сари он ақида қарор доштем, ки мушкилоти ин кишварҳо, қабл аз ҳама, тавассути гуфтушунид ва бо роҳу василаҳои сулҳомез бояд ҳаллу фасл шаванд.

Оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мушкилоти марбут ба муҳити зист низ дар меҳвари гуфтугузори мо қарор доштанд. Иброз гардид, ки мо дар ин ҷода назари яксон дорем ва дар иртибот ба иқдомоти дахлдор ҷиҳати пешгирии пайомадҳои оқибатҳои тағйирёбии иқлим изҳори омодагӣ намудем.

Ҷониби Тоҷикистон, ки дар саргаҳи манбаъҳои обҳои минтақавӣ воқеъ аст, бори дигар изҳор намуд, ки манфиатдори истифодаи оқилонаву сарфакоронаи захираҳои обии минтақа, ҳамчунин ҳифзи муҳити зисти он мебошад.

Дар ин масъала мо бо пуррагӣ ҳамдигарфаҳмии худро бо Иттиҳоди Аврупо изҳор намудем

Мо ба Иттиҳоди Аврупо барои саҳми амалии он дар рушди Тоҷикистон арзи сипос намуда, ибрози итминон кардем, ки дар доираи Стратегияи нави Иттиҳод ҳамкориҳои мо равнақи тоза пайдо хоҳанд кард.

Мо ба ҷаноби Президент дар фаъолияти минбаъдаашон муваффақият орзу намуда, изҳори умед менамоем, ки аз ин сафарашон ба Тоҷикистон таассуроти хуб хоҳанд бардошт.

Ҳоло ман бо камоли майл риштаи суханро ба Президенти Шӯрои Аврупо, Ҷаноби олӣ Доналд Туск медиҳам.

# МОҲИ ХАЙРУ САХОВАТ ВА МЕҲРУБОНӢ БА НИЁЗМАНДОН

## НОМАИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ФИТР

**Ҳамватанони азиз!**

Субҳи панҷуми моҳи июн иди саиди Фитр фаро мерасад. Ба ин муносибат мардуми шарифи Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар фарди кишвар хушбахтиву некрӯзӣ, рӯзгори осуда ва файзу баракат орзу менамоям.

Хурду бузурги кишвари мо шукрона мекунанд, ки ҷашну идҳои милливу давлатӣ ва анъанаву ойинҳои аҷдодии худро дар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва арҷгузорӣ ба суннату арзишҳои фарҳанги миллиамон истиқбол мегиранд.

Сарчашмаи ҳамаи дастовcovarду падидаҳои неки қариб се даҳсолаи охир истиқлолияту озодии Тоҷикистони азизамон мебошад. Аз ин хотир, расидан ба қадри истиқлолияту озодӣ ва ҳифзи дастовардҳои он, саъю талош барои пешрафту ободии Ватан, таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон қарзи имонӣ ва вазифаи инсонии ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Яъне мо бояд тамоми нерӯи худро ба ҳамин самт равона карда, наслҳои наврас ва ҷавононро, ки созандагону соҳибони ояндаи Тоҷикистон мебошанд, дар рӯҳияи ваҳдату ягонагӣ, худшиносиву ифтихори миллӣ, пос доштани муқаддасоти Ватан ва эҳтиром гузоштан ба суннату ойинҳои миллати куҳанбунёдамон тарбия кунем.

Боиси хушҳолист, ки солҳои охир бисёр шаҳрвандони соҳибҳиммати мо тибқи суннатҳои инсонпарваронаи халқамон ба оилаҳои камбизоат, ятимону маъюбон ва хонаҳои кӯдакону пиронсолон кумак мерасонанд ва дар ҷабҳаи ободониву созандагии шаҳру деҳоти кишварамон низ саҳми арзанда мегузоранд.

Ман ба ҳамаи онҳое, ки дар ин моҳи муборак амалҳои хайру савобро анҷом додаанд, изҳори сипос менамоям ва бовар дорам, ки минбаъд сафи чунин шахсони саховатпешаву савобҷӯй боз ҳам бештар мешавад.

Ҳар амали хайр ва навозишу дастгирии ятимону маъюбон ва муҳтоҷону ниёзмандон дар фарҳанги мусулмонӣ аз ҷумлаи амалҳои писандидатарин ба ҳисоб меравад. Моҳияти инсондӯстӣ ва таҳаммулгароии дини мубини ислом низ маҳз дар анҷом додани амалҳои нек ва корҳои хайру савоб инъикос мейёбад ва чунин аъмоли писандида ба таҳкими ваҳдати миллӣ, суботи ҷомеа ва тақвияти робитаҳо миёни сокинони мамлакат мусоидат менамояд.

Ҳанӯз дар марҳалаҳои аввали густариши ислом фарзандони донишманду фарзонаи халқи соҳибтамаддуни тоҷик, ба монанди Имоми Аъзам Абӯҳанифа ва Имом Бухорӣ дар тафсиру тарғиби андешаҳои инсонпарварона, омӯзиши илму маърифат ва одобу фарҳанг нақши барҷаста бозидаанд. Воқеан, равшан нигоҳ доштани чароғи маърифат, раҳнамоии наслҳо ба азхудкунии илму дониш ва касбу ҳунар яке аз самтҳои муҳимтарини таълимоти ниёгони соҳибмаърифати мо ба ҳисоб меравад.

Маҳз бо ҳамин сабаб, дар замони Сомониён фаризаҳои динӣ, аз ҷумла суннатҳои моҳи шарифи Рамазон хусусияти миллӣ пайдо кардаанд. Ва дар асрҳои баъдӣ омӯзиши донишҳои дунявӣ баробари улуми динӣ ба ҳукми анъана даромада, аз миёни намояндагони ниёгони мо нобиғаҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ ба камол расидаанд. Яъне дар ниҳоди тоҷикон ҷустуҷӯи илм ва ба ин васила таъмин намудани рӯзгор сиришти қадимӣ доштааст.

Маҷрои тезутунди пешрафти асри нав ва рушди илму технологияҳо моро водор месозад, ки барои боз ҳам таҳким бахшидани истиқлолият ва таъмин намудани рушди иқтисоди миллӣ аз навгониҳои илму дониш, тафаккури пешрафта, дастовардҳои навтарини илму техника ва имкониятҳои торафт афзояндаи соҳаи иттилоотукоммуникатсия ҳарчи бештар истифода намоем. Зеро бидуни маърифати баланди сиёсиву иқтисодӣ, ҷаҳонбинии муосир, тафаккури навтарини техникиву технологӣ, малакаи баланди касбӣ ва донистани забонҳои хориҷӣ бо раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва илму техникаи пешрафта баробар қадам гузоштан мушкил мебошад.

Бинобар ин, вазифаи имониву инсонии ҳар як фарди бонангу номуси миллат ва мусулмони равшанфикр имрӯз ва ҳамеша аз он иборат аст, ки баробари адои рисолати динӣ қарзи муқаддаси шаҳрвандиашро низ ба ҷо орад ва ҳамаи кӯшишу талоши худро ба сӯи ороmiву ободии Ватан, пешрафти давлат, ҳифзи истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки бузургтарин дастовардҳои мо мебошанд, равона созад. Дар ин бобат меxоҳам як ҳадиси пайғамбари исломро хотиррасон намоям, ки чунин аст: - «Ҳеҷ гоҳ аз корҳои нек дурӣ наҷӯед. Ба ободӣ ва ислоҳи дунё кӯшишу ғайрат намоед».

Рӯйдоду равандҳое, ки солҳои охир дар миқёси сайёра идома доранд, мову шуморо водор месозанд, ки зиракии сиёсӣ, нангу номуси миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву ифтихори миллиро ҳаргиз аз даст надиҳем.

Дар баробари ин, нагузорем, ки ғояҳои зӯроварӣ, ақидаҳои ифротӣ, ҷудоиандозиву нифоқангезӣ, дар кадом шакле набошад, зиндагии орому босуботи мардуми моро халалдор созанд. Эътиқоду эътимод ва имону иродаи инсонҳои худоҷӯйро бояд ба роҳи ободиву созандагӣ ҳидоят кард, на барои ангехтани нифоқу кина ва анҷом додани амалҳои зишту номуносиб.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Фарорасии иди Фитрро мову шумо бо оростани дастурхони идона, вале бо риояи қоидаҳои сариштакорӣ ва парҳез аз исрофкорӣ, бо қалби поку ниятҳои нек интизор мешавем, ба аёдати падару модарон ва калонсолон меравем, ба арвоҳи гузаштагонамон аз оятҳои каломи раббонӣ тиловат мекунем, ба азодорон таскин медиҳем ва қарзи имониву виҷдонии худро адо менамоем.

Бузургтарин савоб дар ин рӯзҳо хайру саховат кардан ба эҳтиёҷмандону дармондагон, оилаҳои камбизоат, ятимону маъюбон ва хабар гирифтан аз ҳоли онҳо мебошад, зеро ба таъбири бузургони халқамон аҷру подоши он аз фазилати ҳаҷҷи акбар ҳам зиёд мебошад. Аз ин рӯ, хайру саховат ва меҳрубонӣ кардан ба ятимону маъюбон ва ниёзмандону камбизоатҳо, ки дар рӯзҳои ид чашми умед ба сӯи мо дӯхтаанд, қарзи инсонӣ ва мусулмонии ҳар фарди худоҷӯй ва инсондӯст аст.

Бори дигар иди саиди Фитрро ба тамоми мардуми кишварамон табрик гуфта, бароящон саломатӣ, бахту саодат ва ҳамаи хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

**Иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамватанони арҷманд!**

СЕМИНАР–МАШВАРАТ

# ҲАМКОРӢ БАҲРИ РУШД



**3-юми июни соли ҷорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳмонхонаи «Ҳайят Реҷенси» оид ба муаррифии портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ва рушди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз семинар – машварат баргузор карданд, ки дар он муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Нигина Анварӣ, муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, намояндагони вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ иштирок намуданд.**

Семинар–машваратро муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Нигина Анварӣ оғоз намуда, мавзӯи баррасишавандаро мухтасар шарҳ дод. Баъдан, муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода сухан карда, гуфт, ки ин ҳамоиш, асосан, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар вохӯрӣ бо кормандони молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳои кишвар (10 майи соли 2019) баён гашт, роҳандозӣ шудааст.

Дар семинар-машварат оид ба масъалаҳои дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар ҷамъомад портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) аз ҷониби роҳбарияти КВД «Тоҷинвест» муаррифӣ шуд. Қайд гардид, ки мақсад ва вазифаҳои асосии портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ин беҳдошти фазои соҳибкорӣ, хизматрасониҳо ба соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, майдон барои муаррифии ширкатҳо, пешниҳоди захираҳои иттилоотӣ доир ба заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, хизматрасониҳо дар самти воридоту содирот ва мусоидат дар рушди соҳибкорӣ мебошад. Портал барои дарёфти шарикон, маълумот оид ба шарикони эҳтимолӣ, роҳнамо барои соҳибкорон ва сармоягузорон, дарёфти мол ва хизматрасониҳо, маълумот дар бораи пешбурди соҳибкорӣ ва хизматрасониҳо дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Қайд шуд, ки аз 1 июни соли 2019 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон портали хизматрасониҳои электрониро барои андозсупорандагон роҳандозӣ намудааст. Портали мазкур аз 36 намуди хизматрасониҳои электронӣ барои андозсупорандагон иборат буда, дар фароҳам овардани шароити мусоид ба андозсупорандагон ва осон гардонидани истифодаи хизматрасониҳои электронӣ барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамояд.

Дар охир доир ба масъалаҳои баррасишуда миёни иштирокчиён саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ

# Қарзи андоз меафзояд?



**Имрӯз дар қаламрави кишвар корхонаву ташкилот ва муассисаву хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратию истеҳсолие фаъолият мекунанд, ки дар назди буҷети давлатӣ маблағи калони қарзи андоз доранд.**

- Ба ҳолати 1 майи соли 2019 бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳияи Фархор, дар маҷмӯъ, 10 миллиону 622 ҳазору 812 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли равон ба маблағи 249 ҳазору 636 сомонӣ кам гардидааст, - гуфт сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андози ноҳияи Фархор Ҳасан Абдуалимов. - Бақияпулиҳои қарзи андоз бисёртар дар соҳаи кишоварзӣ ба назар расида, он аз солҳои пешин то ба имрӯз омада расидааст. Бо мақсади кам кардани қарзи андоз аз тарафи кормандони андози ноҳия бо андозсупорандагон, аз ҷумла роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилоту корхонаҳо пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Мутаассифона, баъзе аз роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ манфиати шахсиро аз манфиати давлат боло дониста ба ҳуқуқвайронкунии андозӣ даст мезананд.

Айни замон дар ҳудуди ноҳияи Фархор 6177 андозсупоранда дар қайди нозироти андози ноҳия буда, аз ин 3785 ададро хоҷагиҳои деҳқонӣ, 272 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 871 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда, 826 адад кооперативи тиҷоратӣ, 135 корхонаи буҷетӣ ва 1114 филиалу ташкилот ташкил медиҳанд. Тибқи маълумоти дастрасгардида, бақияпулиҳои қарзи андоз дар ин ноҳия аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 4 миллиону 336 ҳазору 963 сомонӣ мерасад.

Қарзи калони андоз ба Хоҷагии зотпарварии «Ҳисор» рост меояд. Он 2 миллиону 706 ҳазору 954 сомониро ташкил медиҳад. Роҳбарони хоҷаги бошанд, парвое дар сар надоранд. Кооперативи тиҷоратии «Наврӯз - 95» низ аз қабили қарздорони ноҳия буда, маблағи қарзаш дар назди буҷети давлатӣ 11 ҳазору 333 сомониро ташкил менамояд. Қарзи Кооперативи тиҷоратии «Терай» 7 ҳазору 829 сомонӣ расидааст. Ба ҳамин тартиб, бақияи қарзи андози хоҷагии деҳқонии «Саид» 31 ҳазору 630 сомонӣ, Кооперативи истеҳсолии «Абдураҳими Шариф» 25 ҳазору 727 сомонӣ, Кооперативи истеҳсолии «Балҷувон» 13 ҳазору 439 сомонӣ, Кооперативи тиҷоратии «Баҳодури - И» 22 ҳазору 186 сомонӣ, Кооперативи истеҳсолии «Миразор» 103 ҳазору 144 сомонӣ, Кооперативи тиҷоратии «Бахтиёри Шариф» 20 ҳазору 136 сомонӣ, Кооперативи истеҳсолии «Сафар Турсунзода» 23 ҳазору 380 сомонӣ расидаанд.

Кормандони Нозироти андози ноҳияи Фарход зарур меоянд, ки ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз аз тамоми имкониятҳо истифода карда миёни андозсупорандагон семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳиро ҳарчи бештар ба роҳ монанд. Бо ҳамин роҳ метавон фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардошт.

**Ислом РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Вазъи гузариш ба шакли электронӣ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дод, ки барои ҳарчи зудтар ва пурра ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз гузаронидани андозсупорандагон чораҳои зарурӣ ва амалӣ андешидад. Воқеан, гузариш ба тартиби электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз тақозои замон ва мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналхалқии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон буда, ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки эъломияҳои андозро бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз пешниҳод намояд. Ҳамзамон, амалиётҳои ҳисоб ва пардохти андозҳои дар ҳисобварақаҳо дарҷшаванда шахсан зери назорати андозсупоранда қарор дода шуда, пайдоиши изофапулӣ ва бақияпулиҳои беасос сари вақт пешгирӣ мешавад.**

Ёдовар бояд шуд, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии соҳибкорӣ, татбиқи амалии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2010, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2013 оид ба пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботи андоз аз тарафи андозсупорандагон тариқи электронӣ ба тавсиб расида буд. Мутаассифона, ҷараёни гузариши андозсупорандагон ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз дар сатҳи ҷумҳурӣ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Тавре сардори шуъбаи КВД дар Суғдбудаи «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Талъат Музаффаров иттилоъ дод, ба санаи 1-уми майи соли 2019 аз 83 ҳазору 646 нафар андозсупорандаи вилояти Суғд ҳамагӣ 35 ҳазору 358 нафарашон ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ гузаштаанд, ки 42,3%-ро ташкил медиҳад. Агар дар алоҳидагӣ назар афканем, гузариши шахсони ҳуқуқӣ ба пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ дар вилоят баробар ба 67,8 фоиз аст. Яъне аз 11 ҳазору 687 адад шахси ҳуқуқӣ имрӯз 7 ҳазору 926 ададашон эъломияҳои андози худро ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд.

То имрӯз аз 71 ҳазору 959 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ҳамагӣ 27 ҳазору 423 адад ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ гузаштаанд, ки 38,1%-ро ташкил медиҳад. Аз 18 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд то имрӯз дар ягон нозироти андоз андозсупорандагон пурра ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ нагузаштаанд.

Тавре аз таҳлили маълумоти оморӣ бармеояд ҷараёни гузариши андозсупорандагони вилояти Суғд ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз имрӯз ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Ба истиснои шӯъбаҳои НАМ ва НАК дар вилояти Суғд, ки андозсупорандагони дар қайдашонбуда имрӯз пурра ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ гузаштаанд.

Чуноне ки ба мо маълум аст, дар заминаи иҷрои амалии дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20 майи соли 2019 тартиби гузариши андозсупорандагонро ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз ройгон намуд. Бовари комил дорем ин тадбир бо мақсади таъмини Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон роҳандозӣ мегардад, ба ҳарчи зудтар ва пурра гузаштани андозсупорандагони ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд, ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ мусоидат менамояд.

Дар навбати худ кормандони масъули Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии онро мебояд корбариро дар ин самт дигаргун ва мувофиқи мақсад ба роҳ монанд. Ҳамзамон, оид ба аҳамият ва муҳимияти гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз бо андозсупорандагон силсилаи семинар-машваратҳои муфидро доир намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Муоинаи хронометражӣ – ошкоркунии пинҳонкориҳои андозӣ

**Бо мақсади ошкор намудани пинҳонкориҳои андозӣ ва муайян кардани манбаи аслии андозибандишаванда дар ноҳияи Хуросон нисбати 4 соҳибкор муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд.**

Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбати Сатторқул Раҳмонқулов пинҳонкории андоз ошкор гардид. Қабл аз гузаронидани муоинаи мазкур даромади умумии якмоҳаи андозсупорандаи мазкур 5538 сомониро ташкил медод ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади ӯ ба 9620 сомонӣ расонида шуд. Дар робита ба ин, мутахассиси нозироти андози ноҳия Фаридун Гулов, изҳор дошт, ки Сатторқул Раҳмонқулов тибқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима гардид.

Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони воқеии нозироти андози ноҳия Ҷурахон Мансуров гуфт, ки 4 андозсупоранда барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ тибқи моддаи 614-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 8800 сомонӣ ҷарима шуданд.

Муоинаи хронометражӣ муайян намуд, ки андозсупорандагон Алиқул Қизилбоев, Давлатмурод Сабзалиев дар ҳамин шакл фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ монда, даромади андозбандишавандаро пурра нишон намедодаанд. Амсоли ин, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҶДММ «Марям - 18» муайян кард, ки ҷамъияти мазкур 43692 сомонӣ маблағҳоро пинҳон кардааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**Яке аз падидаҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, имрӯз он дар ҳоли рушд аст. Айни замон шаҳрвандони зиёде дар асоси патент ва шаҳодатнома ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ки аксари онҳо иҷрои ӯҳдадориҳои хешро ҷиҳати пардохти маблағи андозҳои муқарраршуда хуб таъмин карда истодаанд. Дар ин миён, андозсупорандагонеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки аз ноуҳдаброй дар назди буҷет қарздор мебошанд ва ё фаъолияти худро ғайриқонунӣ ба роҳ мондаанд.**




# Соҳибкории ғайриқонунӣ

Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади риояи талаботи қонунгузории андоз пешниҳоди маълумотро аз тарафи ташкилотҳои ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ё шартнома оид ба гирифтани роҳхат ба хатсайрҳоро ба имзо мерасонанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.

Сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки мутобиқи махзани маълумот ба ҳолати 1 апрели соли 2019 аз тарафи 73 андозсупорандаи ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда маълумот дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст. Маблағи хизматрасонии онҳо ба ҳисоби миёна дар семоҳаи чоруми соли 2018 мутаносибан ба 2036,5 ҳазор сомонӣ баробар мебошад, ки ба ҳисоби миёна ба як андозсупорандаи дар он фаъолияткунанда дар се моҳ 298,0 сомонӣ ва дар як моҳ 99,3 сомонӣ рост меояд. Яъне, дар ин давра дар ҷумҳурӣ аз тарафи 73 ширкати хизматрасон тариқи «Утоқи шахсии андозсупоранда» маълумот ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид гардидааст, ки шумораи умумии андозсупорандагони дар қайди ширкатҳои хизматрасонибуда 6833 ададро ташкил медиҳад.

- Коркарди маълумоти пешниҳодшуда аз ҷониби ширкатҳои ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда нишон додааст, ки новобаста аз корҳои фаҳмондадиҳии гузаронидашуда ва мактубҳои дастурию назоратӣ на ҳамаи онҳо маълумоти дар ихтиёрбудаи худро ба мақомоти андоз пурра пешниҳод карда тавонистаанд, - мегӯяд С. Исоев.

Тавре муайян гардидааст, андозсупорандагон ҳангоми дохил кардани маълумот ба иштибоҳ роҳ додаанд: дар 12 ҳолат маълумот нопурра, ба таври сифрӣ ё ин ки аз шакли ислоҳотӣ ва иловагӣ дохил шудааст ва баъзе аз он андозсупорандагон имконияти пурра дар шакли нав ворид намудани маълумотро барои давраи семоҳаи чоруми соли 2018 аз даст додаанд.

Масалан, ҶДММ "Талко Персия" дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ (рақами содакардашудаи 3333 ва 1616) яке аз ширкатҳои калонтарин ба ҳисоб рафта, тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз он ягон маротиба маълумотро доир ба соҳибкорони инфиродии дар тобеияти ширкат ба фаъолияти кашонидани мусофирон машғулбуда, пешниҳод накардааст.

Собирҷон Исоев мегӯяд, ки чунин ҳолати риоя нашудани талаботи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 аз ҷониби ҶДММ "Талко Персия" боис гардида истодааст, ки ронандагони дар қайди ҷамъияти мазкурбуда ба фаъолияти соҳибкории кашонидани мусофирон бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз машғул мешаванд, ҳамзамон, даромади воқеии ҷамъият аз андозбандӣ дар канор монда истодааст.

Инчунин, таҳлил ва коркарди махзани маълумоти Кумитаи андоз нишон додааст, ки аз тарафи ширкатҳои хизматрасонии дар ҳудуди вилояти Хатлон фаъолияткунанда, ба истиснои ширкатҳои хизматрасонии дар қайди нозиротҳои андозбуда дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон, Кӯлоб, Бохтар, Хуросон, Норак ва Шаҳритус, дар вилояти Суғд ба истиснои шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Зафарободб Мастчоҳ, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Шаҳристон, Исфара, Конибодом, Панҷакент ва Бӯстон, аз тарафи ширкатҳои хизматрасонии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои мазкур, ба Кумитаи андоз умуман, маълумот пешниҳод нашудааст.

Чуноне аз таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз бармеояд, ки даромади умумии ширкатҳои ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда дар семоҳаи чоруми соли 2018 маблағи 18,5 млн. сомониро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба семоҳаи якуми соли 2018 (19,4 млн. сомонӣ) ба маблағи 842,3 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Чунин ҳолат бо дарназардошти зиёд гардидани шумораи соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти кашонидани мусофирон ва борҳо машғулбуда ба ҳақиқат рост намеояд. Чунин бармеояд, ки ширкатҳои мазкур бо мақсади кам ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, даромади воқеии аз ин ҳисоб бадастовардаи худро дар ҳисоботи андозӣ нишон намедиҳанд.

Масалан, тибқи маълумоти пешниҳодкардаи ҶСК "Автоколонна 2927" дар ҷамъият 442 нафар ронанда ба фаъолияти хизматрасониии кашонидани борҳо ва мусофирон машғул мебошанд. Маблағи умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи якуми соли 2019 ба 177,8 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, яъне маблағи хизматрасонӣ ба ҳисоби миёна ба як ронанда дар як рӯз 4,5 сомонӣ рост меояд.

Чунин ҳолати дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодани даромади бадастовардашуда дар фаъолияти ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди "Маром", "Сорбон 14", "Сомон транс", "Шоҳроҳи Бадахшон", "Корвонсарой", ҶСК"Нақлиёт" ва ҶСК "Сорбон" низ ба назар мерасад, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти онҳо корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ амалӣ мешавад.

- Ҳолати дигари ташвишовар, -мегӯяд Собирҷон Исоев, - ин аз ҷониби ронандагони ширкатҳои мазкур сари вақт пардохт нагардидани маблағи патент мебошад. Чунонки, таҳлили маълумоти пешниҳоднамудаи ҶДММ "Олуча" нишон медиҳад, дар тобеияти ҷамъият 151 нафар ронанда ба фаъолияти хизматрасонии кашонидани мусофирон машғул мебошанд. Аз ин шумора 30 нафари онҳо бе қайд дар мақомоти андоз фаъолият доранд ва аз шумораи 121 нафар ронандаи дар қайди мақомоти андозбуда 80 нафарашон аз ҳисоби патент ба маблағи 56283 сомонӣ қарздор мебошанд.

Коркарди иловагии маълумоти пешниҳоднамудаи ҶДММ "Олуча" нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо шахсони алоҳида воситаҳои нақлиёти худро ба дигар ронандагон ба иҷора дода, аз ҳисоби маблағи иҷораи бадастоварда маблағи андоз аз даромадро ҳисоб ва пардохт наменамоянд. Бояд гуфт, ки тибқи маълумоти дастрасшуда маблағи иҷораи воситаи нақлиёт барои машғул гардидан ба фаъолияти кашонидани мусофирон дар 1 рӯз ба ҳисоби миёна аз 100 то 150 сомониро ташкил медиҳад. Масалан, шаҳрвандон Абдуҷаббор Қодиров ва Зафар Қодиров 9 адад воситаи нақлиёти худро ба шахсони алоҳида барои ба фаъолияти хизматрасонии кашонидани мусофирон ба иҷора додаанд, аммо маблағи андози даромад аз ҳисоби иҷораро ҳисоб ва ба буҷет пардохт накардаанд, ки дар ин самт корбарии мақомоти андоз ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати иҷорадиҳанда корҳо идома доранд.

Маҳз ҳамин гуна ҳолатҳои ногувор кормандони мақомоти андозро водор месозад, ки бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда дар фаъолияти онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратиро тақвият бахшанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**ЭЪЛОН**

## Муҳтарам андозсупорандагон

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумтаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

# Ҳолати гузариш

**Чуноне ки аз таҳлили фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз бармеояд, дар самти андозбандии соҳибкорони инфиродии бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳоло ҳам камбудиҳо ҷой доранд.**



Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 34159 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб 88,2 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст. Таҳлили ҳисобот дар ин самт нишон медиҳад, ки гарчанде шумора ва маблағи воридоти андозҳо дар 3 моҳи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошад ҳам, вале камшавии шумора ва маблағи воридоти андозҳо дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз ба назар мерасад. Аз ҷумла, камшавии бештари маблағи андозҳо, асосан, ба шаҳру ноҳияҳои Ишкошим 7,4 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 71,0 ҳазор, Панҷ 12,3 ҳазор, Шаҳритус 82,9 ҳазор, Данғара 38,5 ҳазор, Ховалинг 16,9 ҳазор, Балҷувон 6,5 ҳазор, Истиқлол 4,7 ҳазор ва Сангвор 3,9 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Дар баробари кам шудани воридоти андозҳо дар баъзе аз мақомоти ҳудудӣ, шумораи соҳибкорон низ коҳиш ёфтааст. Бахусус дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 37 адад, Вахш 11, Дӯстӣ 9, Ҷалолиддини Балхӣ 13, Ҷайҳун 10, Абдураҳмони Ҷомӣ 3, Фархор 4, Ховалинг 31, Бӯстон 4, Деваштич 5, Лахш 3, Нуробод 4 ва Тоҷикобод 3 адад кам шудааст.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи андоз дар 3 моҳи соли 2019 аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолиятдошта 5247 адад ё 16,4 фоизи соҳибкорон, ҳамчун соҳибкорони бефаъолият эътирофгардида буда, онҳо ҳисоботи андозии худро ба тариқи афзоянда сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд. Шумораи соҳибкорони бефаъолият дар вилояти Суғд 1803 адад ё 17,3 фоиз, дар вилояти Хатлон 998 адад ё 16,3 фоиз, шаҳри Душанбе 1635 адад ё 16,3 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, 811 адад ё 14,7 фоизро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома ба қайд гирифташуда 21389 адад ё 66,8 фоизи онҳо ҳамчун соҳибкорони фаъолиятдошта эътироф шудаанд, вале на ҳамаи онҳо даромадҳои воқеии худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон медиҳанд.

Гарчанде дар қонунгузории амалкунанда тартиби гузариши андозсупорандагон аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ (аз патент ба шаҳодатнома, аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ ва ё гузариши баръакс) дуруст муқаррар шудааст, вале андозсупорандагон аз сабукиҳои қонунгузорӣ истифода намуда, бо зиёд гардидани даромади умумӣ ба хотири иваз накардани шакли ташкилию ҳуқуқии худ ба мақомоти андоз маълумоти нопурра пешниҳод менамоянд. Бо ин роҳ онҳо мехоҳанд аз пардохти маблағи андозҳо канораҷӯӣ кунанд.

Дар 3 моҳи аввали соли 2019 ҳамагӣ 170 соҳибкор фаъолиятҳои худро аз рӯи патент қатъ намуда, ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштаанд, ки 0,1 фоизи шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи рафти гузариши соҳибкорон аз патент ба шаҳодатнома дар ВМКБ 16 адад, вилояти Хатлон 27 адад, вилояти Суғд 47 адад, шаҳри Душанбе 53 адад ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, ба 27 адад мерасад.

Масъалаи дигари ташвишовар ин гузариши соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба шахси ҳуқуқӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори зикргардида ҳангоми дар давоми 12 моҳи пай дар пай аз 1 млн. сомонӣ зиёд гардидани даромади умумӣ, соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда вазифадор мешаванд, ки ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии худ маълумот пешниҳод кунанд ва фаъолияти худро ҳамчун соҳибкор аз рӯи шаҳодатнома аз санаи 1 – уми моҳи минбаъда расман қатъ намоянд. Фаъолияти минбаъдаи худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ идома бахшад.

Тавре мушоҳида мешавад, рафти гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ дар сатҳи паст қарор дошта, ин раванд аз тарафи аксарияти андозсупорандагон риоя намегардад. Баръакс аз тарафи баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз барои афзоиш наёфтани даромади андозбандишавандаи андозсупорандагон мусоидат намуда, дар ҳамон нуқта ба якчанд соҳибкор хуҷҷатҳои соҳибкории алоҳида дода мешавад, ки ҳолати мазкур боиси нигаронӣ аст.

Тибқи маълумот дар 3 моҳи аввали соли 2019, дар миқёси ҷумҳурӣ, аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда (34159 адад) ҳамагӣ 24 нафар бо зиёд гардидани даромади умумиашон фаъолияти худро аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда, ба шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд. Ин нишондод дар ВМКБ 3 адад, вилояти Хатлон 3 адад, вилояти Суғд 7 адад, шаҳри Душанбе 7 адад ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, ба 6 адад баробар мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии нагузаштани соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ба шахси ҳуқуқӣ, чуноне аз маълумот бармеояд, ин дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги андозсупорӣ, ба миён омадани масъулиятҳои иловагӣ оид ба пешниҳоди ҳисобот ва ҳисоботдиҳанда будан ба дигар мақомотҳои дахлдор ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, соҳибкорон аксаран фаъолият (муомилот)-и худро дар шакли нақдӣ ба роҳ монда, ба хотири нагузаштан ба шахси ҳуқуқӣ ва дар ин замина супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нагардидан бо зиёд гардидани ҳадди даромад фаъолияти соҳибкории худро дар ҳамон як нуқтаи савдо ва хизматрасоние, ки қаблан дар он фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода мешуд, қатъ намуда, ба номи дигар шахсон шаҳодатномаҳои нави алоҳидаи соҳибкориро ба расмият даровarда, фаъолияти соҳибкории худро дар дигар шакл идома медиҳанд.

Дар дигар ҳолат, соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда бо зиёд гардидани даромади умумӣ ва ё бо мақсади кам пардохт намудани маблағи андозҳо фаъолиятҳои худро сохтакорона аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда, баръакс фаъолияти минбаъдаи худро тибқи патент ба роҳ монда истодаанд, ки чунин ҳолат қариб дар аксарияти мақомоти ҳудудии андоз ба назар мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти зиёд намудани ҳадди даромад аз 500 ҳазор сомонӣ ба 1 млн. сомонӣ, мутаассифона, афзоиши даромади умумии андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ дар сатҳи паст қарор дошта, дар баъзе ҳолатҳо даромадҳои андозбандии онҳо нисбат ба давраҳои қаблӣ коҳиш ёфтааст. Дар дигар мавриҳ даромади умумии онҳо умуман афзоиш наёфтааст, ки ҳолати мазкур ба раванди гузариш аз як низом ба дигар низоми андозбандӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451 меъёри андози иҷтимой барои соҳибкорони инфиродӣ ба 1 фоизи даромади умумӣ баробар буда, вале на кам аз андозаи баландтарини андози иҷтимой барои соҳибкори бо патент фаъолияткунанда (124 сомонӣ) новобаста аз даромади бадастомада муқаррар гардидааст.

Омӯзиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 29,4 сомонӣ, Дарвоз 90,2, Ванҷ 65,9, Рушон 42,5, Шуғнон 23,8, Роштқалъа 45,0, Ишкошим 28,9, Мурғоб 44,7, Дӯстӣ 93,5, Панҷ 93,7, Хуросон 90,5, Ёвон 94,5, Носири Хусрав 77,3, Левакант 87,0, Кӯлоб 117,3, Муъминобод 87,4, Восеъ 72,8, Фархор 85,9, Данғара 110,9, Темурмалик 81,2, Ховалинг 7,8, Балҷувон 53,1, Исфара 93,1 Гулистон 109,4, Истаравшан 117,7, Бӯстон 116,3, Истиқлол 44,5, Айнӣ 59,8, Зафаробод 61,0, Мастчоҳ 69,6, Спитамен 108,7, Ҷаббор Расулов 80,7, Шаҳристон 98,4, Шоҳмансур 115,6, Исмоили Сомонӣ 117,3, Варзоб 77,8, Рашт 69,9, Лахш 51,0, Нуробод 32,6, Сангвор 65,8, Тоҷикобод 96,5, Файзобод 95,5 ва Шаҳринав 105,7 сомонӣ рост меояд, ки маблағи андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродӣ аз ҳадди ниҳоии муқарранамуда (124 сомонӣ) бо дарназардошти татбиқи коэффисиентҳои минтақавӣ барои шаҳру ноҳияҳои зикргардида кам мебошад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## ЭЪЛОН

## БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ", ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сархати панҷум Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз бақайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

**Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.**

# Қарзҳои андоз рӯёнида мешаванд



Бо мақсади андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати ба буҷет рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо, муайян намудани чораҳои андешидаи нозиротҳои андоз ҷиҳати рӯёнидани ин маблағҳо инчунин муайян намудани дигар ҳолатҳо оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳо дар ин самт Гурӯҳи кори доимоамалкунанда таъсис дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки ба Гурӯҳи корӣ руихати санадҳои санҷишии риояи қонунгузории андоз, ки дар давоми солҳои 2013-2018 аз ҷониби Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз, шуъбаи санҷишҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва нозиротҳои андози ҳудудӣ санҷиш гузаронида шудааст ва маблағи ошкоргардидаи онҳо пурра пардохт нашудааст. Ба Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби қарзҳои бебаҳс ва эътирофшуда 69 андозсупорандае, ки нисбати онҳо дар давоми солҳои 2013-2018 санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида шудааст, инчунин аз ҳисоби қарзҳои баҳснок ва мушкилситон 38 андозсупорандае, ки нисбати онҳо дар давоми солҳои 2013-2017 санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида шудааст, илова бар ин, аз ҳисоби қарзҳои бебаҳс ва эътирофшуда рӯихати 273 андозсупорандаи дигар аз ҳисоби санадҳои санҷишии мақомоти ҳудудии андоз вобаста шуданд.

Чи тавре, ки узви Гурӯҳи корӣ, мутахассиси пешбари Раёсати андоз дар вилояти Суғд Собирҷон Бақосов ба мо маълумот дод, дар натиҷаи ҷораҳои андешидашуда аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар вилояти Суғд давоми моҳҳои феврал ва апрели соли 2019 аз ҳисоби бақияи қарзи андозсупорандагони мазкур ҳамагӣ 1940,8 ҳазор сомонӣ ситонида шудааст. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда инчунин аз ҳисоби маблағи қарзи андозҳои бебаҳс ва мушкилситон ба буҷет 157,2 ҳазор сомонӣ рӯёнида шуд. Нисбати 65 андозсупорандаи боқимонда бошад чораҷӯиҳо идома дошта, маблағи қарзи андозҳояшон ба буҷет пардохт гардида истодааст.

Умуман, дар самти ситонидани бақияи қарзи андоз мақомоти андози вилояти Суғд бо сохторҳои дахлдори давлатӣ ҳамкории зич ба роҳ мондааст. Дар ин замина нисбати андозсупорандагоне, ки маблағи бақияи қарзи андози худро дар назди буҷети давлатӣ то ҳол пардохт накардаанд, чораҳои қонунӣ андешида мешаванд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Ошкор шудани камбудиҳо

**Дар чанд моҳи охир кормандони Раёсати андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мутобиқи 29 амрнома фаъолияти андозсупорандагонро мавриди санҷиши амалиётӣ қарор доданд. Дар натиҷа, маълум гардид, ки 21 соҳибкори инфиродӣ бе қайди мақомоти андоз ба соҳибкории ғайриқонунӣ даст зада, 18 ҳолати нишон надодани коргарони кироя дар ҳисобот ва 2 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани молу мулки ғайрманқул ошкор гардиданд. Муовини сардори раёсати мазкур Лутфишо Азизбеков гуфт, ки дар рафти санҷиш камбудиҳо бартараф ва соҳибкороне, ки хилофи қонун ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, ба муҷозоти маъмурӣ кашида шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 15 ҳазору 249 сомонӣ ворид гардид.**

Дар рафти санҷишҳои амалиётӣ, ҳамчунин, нисбат ба 12 андозсупоранда протоколҳои маъмурӣ тартиб ёфта, ба маблағи 6 ҳазор сомонӣ ҷарима таъин гардид. Ба гуфтаи Лутфишо Азизбеков натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ дар баробари ошкор намудани қонуншиканиҳо дар фаъолияти андозсупорандагон, ҳамчунин муносибати хунукназаронаи баъзе аз кормандони нозиротҳои андоз нисбат ба иҷрои вазифаи хизматӣ ошкор сохт. Агар мутахассисони мақомоти андоз корҳои назоратӣ ва фаҳмондадиҳиро ба таври зарурӣ ба роҳ мемонданд, ин нуқсу камбудиҳо рух намедоданд. Дар нозиротҳои андози ноҳияҳои Ванҷу Рушон дар давоми беш аз се моҳ санҷишҳои амалиётиро роҳандозӣ накарданд ва табиист, ки аз чунин шеваи кор истифода карда, даҳҳо андозсупоранда андозњоро рупӯш намуданд.

Илова бар ин, дар ин давра дар ноҳияи Ванҷ ягон адад муоинаи хронометражӣ гузаронида нашудааст. Дар ҳоле ки мутобиқи талаботи моддаи 40 Кодекси андоз бо мақсади муайян намудани даромади воқеӣ ва хароҷоти воқеӣ чунин амалиёт гузаронида мешавад. Дар дигар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ҳам вазъи сари вақт доир намудани муоинаи хронометражӣ чандон хуб нест. Масалан, дар ин давра Нозироти андози ноҳияи Роштқалъа ду ва шаҳри Хоруғу ноҳияи Мурғоб ҳамагӣ 1 маротибагӣ муоинаи хронометражӣ гузаронидаанду халос.

**Довари БОВАР,**
**ВМКБ**

**Кормандони нозиротҳои андози шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо дар мақомоти андоз»-ро, ки аз 9 августи соли 2016 таҳти №291 ба тасвиб расидааст, таҳти назоратии худ қарор дода, пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешанд.**

# Истифодаи МНХ дар НФС-ҳо




Ба иттилои сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андози шаҳри Кӯлоб Парвиз Шарифов айни замон дар шаҳр 25 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ вуҷуд дорад, ки аз инҳо 17 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ дар қайди нозироти андози шаҳр буда, 8 адади дигар бо сабабҳои гуногун фаъолият намекунанд. Номбурда ҳамчунин, қайд кард, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории дар шаҳр фаъолияткунанда ба маблағи 418 ҳазору 486 сомонӣ сӯзишворӣ фурӯхтанд, ки маблағи андозҳои он пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст. Дар ноҳияи Ховалинг низ аз тарафи кормандони нозироти андоз ба масъалаи тамғагузорӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо диққати зарурӣ дода мешавад. Нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ таҳти назоратӣ ҳамешагии мақомоти андози ноҳия қарор доранд.

Тавре муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг Убайдулло Қурбонов иттилоъ дод, имрӯз 7 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ дар қайди нозироти андози ноҳия мебошанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ноҳия нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо колонкаҳо таъмин буда, тамғагузорӣ шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани санҷиш муайян шуд, ки баъзе аз нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ноҳияи Ховалинг аз МНХ ба таври дуруст истифода намекунанд. Дар натиҷа, нисбаташон протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

Тибқи талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти соҳибкорон яке аз воситаҳои хуби даромади воқеии андозсупоранда ба шумор меравад. У. Қурбонов изҳор дошт, ки ҳангоми санҷиш як нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ барои дуруст истифода накардани МНХ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима гардида, маблағ пурра ба буҷет ворид шуд.

– Имрӯз нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ноҳияи Ховалинг таҳти назорати ҳамешагии кормандони мақомоти андози ноҳия қарор дошта, саъй мекунем, ки соҳибкорон ҳангоми фурӯши сӯзишворӣ аз МНХ-дорои ТИЭ ба таври зарурӣ истифода намоянд, - афзуд У. Қурбонов. Ҳамчунин, гуфта шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷиш 4 нуқтаи фурӯши сӯзишвории дигар низ барои дуруст пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда тибқи талаботи моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 6247 сомонӣ ҷарима гардиданд, ки аз маблағи зикршуда 2513 сомониаш ба буҷети давлатӣ таъмин шуд.

**Ислом РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Ташаббусҳои созанда

**Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода зина ба зина кам шудани маблағи қарзи андоз ва нисбат ба солҳои қаблӣ баланд гардидани сатҳи фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро дастоварди навбатии кормандони мақомоти ҳудудии андоз арзёбӣ намуданд. Зикр шуд, ки дар шаҳр дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботию ташвиқотӣ сатҳи дониши ҳуқуқии андозсупорандагон васеъ гардида, маданияти андозсупориашон баланд мешавад. Агар натиҷаи соли 2018-ро нисбат ба ду соли пеш муқоиса намоем, мебинем, ки маблағи қарзи андоз беш аз 2,5 миллион сомонӣ кам гардидааст. Натиҷаи семоҳаи аввали соли 2019 низ хубанд. Зеро маблағи бақияи қарзи андоз ба ҳолати 01 01 2019 агар 5421 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас ин рақам ба 01 04 2019 ба 5185 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба оғози сол 235,9 ҳазор сомонӣ кам мебошад.**

Бояд қайд кард, ки ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода дар самти ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз шоистаи таҳсину дастгирист. Зеро ҳар семоҳа таҷлил намудани ҷаласаҳои Ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии қарзҳои андоз ва расондани кумаки амалӣ ба тоҷирону соҳибкорон ва мақомоти ҳудудии андоз ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҷаласаҳои ситод роҳбарияти шаҳр ва дигар шахсони масъули мақомот фаъолона ширкат варзида, масъалахои дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон, кам кардани бақияи қарзи андоз, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳоро мавриди муҳокима қарор медиҳанд. Маҳз натиҷаи ҳамин аст, ки шумораи корхонаю муассисаҳои дар назди буҷа қарздор ва маблағи қарзи онҳо сол аз сол кам мегардад.



Дар ҷаласае, ки нимаи дуюми моҳи апрели соли равон баргузор гардид, фаъолияти иқтисодии як қатор корхонаҳои дар назди буҷа қарздор ва сабабҳои ба таъхир гузоштани маблағи қарзи онҳо дар назди буҷет таҳлил гардида, мутобиқи талаботи қонунгузории андоз нисбати онҳо чораҳои таъсирбахш андешида шуд.

Ҳамзамон дар ҷаласа гузориши мақомоти андози шаҳр дар самти чораандешиҳо нисбати шахсони ҳуқуқию воқеии аз андоз қарздор ва кам кардани маблағи бақияпулиҳо дар семоҳаи аввали соли 2019 шунида ва муҳокима гардид. Аз ҷумла қайд шуд, ки дар семоҳа тибқи нишондодҳои СИА "Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо" бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва татбиқи амалии чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз мутобиқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 96 нафар шахси ҳуқуқие, ки дар назди буҷет қарздор ба маблағи 919,6 ҳазор сомонӣ ва нисбати 69 нафар соҳибкори инфиродӣ ба маблағи 827,8 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол шуд, ки аз он 91,8 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва 445,1 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Ҳамзамон мутобиқи талаботи фасли 5, боби 12 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "Бобати маҷбуран ситонидани андозҳо ва чораҳои ҷавобгарӣ" ва Дастури методӣ "Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо", ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18. 01. 2013, таҳти № 22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, нисбати 17 андозсупоранда ба маблағи умумии 445,1 ҳазор сомонӣ 17 адад қарор ва аз ин ҳисоб ба буҷети мамлакат 259,6 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки ин камтар аз 60 фоизи маблағи қарорҳои қабулардидаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла иҷрои пурраи талаботи 6 адад қарор таъмин шуда, иҷрои қарорҳои боқимонда мавриди ҳаллу фасл қарор дорад. Инчунин аз ҳисоби 15 адад қарори соли 2018 нисбати андозсупорандагони дар назди буҷа қарздор қабулгардида ба маблағи 181,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шуда, иҷрои пурраи 3 адад қарор таъмин гардидааст.

Кормандони мақомоти ҳудудии андоз барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ нисбати 88 соҳибкори ҳуқуқию инфиродӣ, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 159,5 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода, 49,9 ҳазор сомонии онро ба буҷет ворид намуданд.

Баҳри татбиқи амалии талаботи фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 2016 таҳти №118 "Оид ба тасдиқи тартиби баҳисобгирии муваққатии маблағи андозҳои баҳснок ва чораҷӯӣ оид ба барҳамдиҳии онҳо" нисбати 4 андозсупоранда парвандаҳо тартиб дода шуд, ки айни замон мавриди баррасӣ қарор доранд.

Бояд зикр кард, ки тадбирҳои андешидашуда натанҳо дар кам гаштани маблағи бақияпулиҳо мусоидат намуд, балки дар баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ таъсири мусбат расонд. Баъди баргузории вохӯрӣ бо роҳбарони аввали ноҳияву кормандони мақомоти андоз қисми зиёди андозсупорандагон камбудиҳои худро дар самти пардохти саривақтии андозҳо ислоҳ ва маблағи қарзи худро пурра ҳисобӣ намуданд

- Натиҷаҳои дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ бадастовардаи мо дар самти барҳамдиҳии қарзи андоз хуб арзёбӣ гардада бошад ҳам, вале он худи моро қонеъ карда наметавонад, - мегӯяд муовини сардори Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода Одина Саидов. - Зеро бақияпулиҳои андоз, дар маҷмӯъ, 5185 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин маблағи корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро аз ҳарвақта дида бештар гузаронида, тамоми қувваро ба он сафарбар менамоем, ки то охири сол на камтар 25 фоизи ҳаҷми умумии маблағи бақияпулиҳоро барҳам диҳем, - иброз намуд зимни суҳбат О.Саидов.

Мутобиқи нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода ва мақомоти ҳудудии андоз як қатор андозсупорандагон барҳам додани бақияи қарзи андозро дар анҷоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба уҳда гирифтаанд, ки дар сурати амалӣ шудани он нозироти андоз метавонад масъалаи барҳамдиҳии қарзҳоро таҳти назорат қарор диҳад ва маблағи қарзи андозҳоро зина ба зина кам намояд. Дар ин замина ҳамкории мақомоти андоз бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода дар кам кардани бақияпулиҳои андоз ва таъмини иҷрои нақшаву уҳдадориҳо хуб мусоидат хоҳад намуд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА.**
**шаҳри Турсунзода**

---

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Доходы от размещения денег на капремонт освобождены от налога

## Законопроект дополняет список доходов, которые не учитываются при определении базы по налогу на прибыль

Госдума России приняла во втором чтении проект закона, который предусматривает освобождение от налога на прибыль доходов в виде процентов, полученных региональным оператором от размещения временно свободных средств фонда капитального ремонта по договорам банковского вклада, пишет ТАСС.

Согласно налоговому законодательству, доходы компаний в виде процентов, которые получены по договорам займа, кредита, банковского счета и банковского вклада, признаются внереализационными доходами. Они облагаются налогом на прибыль. А значит, что в случае размещения региональным оператором в российских банках временно свободных средств фонда капитального ремонта, региональный оператор, как компания, будет иметь внереализационный доход в виде процентов по договору банковского вклада и будет обязан уплатить налог на прибыль, отмечается в пояснительной записке документу.

При этом эти средства являются целевыми. В таком случае целевые средства, которые поступают на счета специализированных НКО, осуществляющие деятельность, которая направлена на проведение капремонта общего имущества в многоквартирных домах, не учитываются при определении налоговой базы по налогу на прибыль.

Поэтому законопроект вносит поправки в Налоговый кодекс России, дополнив список доходов, которые не учитываются при определении налоговой базы по этому налогу, суммой доходов в виде процентов специализированной НКО, которая получена от размещения временно свободных средств фонда капремонта по договорам банковского вклада. Говорится об НКО, которая осуществляет деятельность по обеспечению проведения капитального ремонта общего имущества в многоквартирных домах.

**http://налоговыеновости.рф/**

Бочу хироч №23 (1172) Панҷшанбе, 6 июни соли 2019



**Солҳои охир раванди ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул вусъат ёфта, аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дуруст андозбандӣ намудани он ба ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ таъсири мусбӣ расонида истодааст. Ин аст, ки аз ҷониби мақомоти андоз ба ин самт таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир мешавад.**



# Хулоса аз таҳлил

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти воридкунии маълумот вобаста ба иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқулро дар барномаи комютерии СИА «Маъмурикунонии андозҳо» ба ҳолати 20.05.2019 дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.

Аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, ки нововаста аз таъкидҳои пайваста ва мактубҳои супоришии қаблӣ рафти қабули эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк ва дохилкунии маълумот ба барномаи компютерӣ дар мақомоти ҳудудии андоз нокифоя мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани иҷорагирандагон ва маблағи иҷорапулию масоҳати объекти ба иҷорадодашуда, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи комютерӣ дохил карда, маълумоти иҷорадиҳандагон дар ин самт мунтазам нав карда шаванд.

Тибқи иттилои манбаъ, ба ҳолати 20 майи соли 2019 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда (15717 адад), барои соли 2019 маълумоти 3923 иҷорадиҳанда ба махзани маълумот ворид шудааст. Нишондиҳандаи рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ барои соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 12,6 фоиз, вилояти Хатлон 39,1 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10,5 фоиз, шаҳри Душанбе 27,0 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 29,4 фоизро ташкил медиҳад.

Мутаассифона, аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод, Тоҷикобод, Сангвор, Лахш, Ҷаббор Расулов, Истиқлол, Хоруғ, Ванҷ, Рушон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб то инҷониб маълумоти ягон адад аз иҷорадиҳандагони молу мулк ба барномаи компютерӣ ворид нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки тибқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз нишондиҳандаи рафти қабули эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 11072 адад ё худ 74,0 фоизро ташкил медиҳад. Аммо, чуноне ки таҳлил ва муқоисаи маълумот нишон медиҳад, рафти воридкунии нишондиҳандаи эъломияҳои қабулшуда дар барномаи компютерӣ дар сатҳи паст қарор дошта, ба ҳолати 20 майи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ, ҳамагӣ эъломияҳои андоз аз даромади 6534 адад иҷорадиҳанда ё худ 41,6 фоизи онҳо ба барномаи компютерӣ ворид шудааст. Ин нишондод дар ВМКБ ба 13,0 фоиз, вилояти Суғд 35,5 фоиз, вилояти Хатлон 49,4 фоиз, шаҳри Душанбе 51,9 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, ба 31,6 фоиз баробар мебошад, ки хеле нигаронкунандаанд.

Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки фаъолияти кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеиро дар ин самт зери назорат қарор дода, рафти дохилкунии маълумотро ба барномаи копютерӣ ҳамарӯза пайгирӣ ва ҳамзамон, барои бақайдгирии пурра ва ҷиҳати дар шартномаҳои иҷора дуруст дарҷ намудани маблағҳои воқеии иҷорапулӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Воқеият

**Натиҷаи корҳои назоратӣ ва таҳлили Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ғайрирасмӣ истифода кардани коргарони кироя ва аз ҷониби корфармоён ба таври сифрӣ пешниҳод шудани эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ холо ҳам ба назар мерасанд.**



Мутобиқи маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 25217 коргари кирояи соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба маблағи 23,6 млн. сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони кироя, дар маҷмӯъ, 3453 адад ва маблағи воридоти андози даромад ва андози иҷтимоӣ бошад, дар умум 5,0 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Тибқи таҳлили гузаронидашуда муайян шуд, ки кормандони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми қабули ҳисоботи андозӣ муздҳи меҳнати воқеии коргарони кирояи соҳибкорони инфиродиро ҳатто аз ҳадди аққали муқарраргардида ҳам 400 сомонӣ кам қабул намудаанд. Аз ҷумла, он дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ 350,0, Рушон 322,2, Шуғнон 193,5, Ишкошим 257,8, Мурғоб 40,0, Панҷ 349,3, Левакант 376,5, Ховалинг 381,0, Истиқлол 252,6, Деваштич 244,1, Зафаробод 353,9, Мастчоҳ 310,0, Бобоҷон Ғафуров 319,7, Шаҳристон 362,7, Рашт 266,7, Лахш 382,2, Нуробод 164,7, Файзобод 296,8 ва Шаҳринав 312,1 сомониро ташкил медиҳад, ки ба воқеият рост намеояд.

Дар баробари ин, муайян гардид, ки дар 3 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони кироя дар шаҳру ноҳияҳои Рушон 3 адад, Хуросон 30 адад, Қубодиён 1 адад, Данғара 41 адад, Шаҳристон 49 адад ва Роғун 4 адад кам шудааст. Чуноне аз таҳлилҳо бармеояд, бақайдгирии шумораи коргарони кирояи соҳибкорони инфиродӣ дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи паст қарор дорад.

Бояд қайд кард, ки нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа, Мурғоб, Носири Хусрав, Левакант, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин, Мастчоҳ ва Варзоб дар 3 моҳи аввали 2019 дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда умуман коргари кирояро ошкор ва ба қайд нагирифтаанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Голландцы готовят к премьере автомобиль на солнечной энергии

**Стартап Lightyear из Нидерландов уже через месяц представит прототип пятиместного автомобиля, который будет «питаться» солнечными лучами. Серийное производство стартует в 2020-ом.**

В компании говорят, что автомобиль разрабатывался с нуля, а в голове инженеров и дизайнеров была задача-максимум - устранить недостатки электромобилей, такие как невысокая дальнобойность и зависимость от инфраструктуры.

Прототип Lightyear позволяет преодолевать на одной зарядке 600-800 км.

В компании рапортуют о принципиально новом подходе к созданию электрокаров и о высокой энергоэффективности своего детища: ночная зарядка «батареек» от обычной бытовой розетки обеспечит до 400 км пробега. Но к помощи бытовой электросети прибегать придётся лишь в случае крайней необходимости, ведь крыша автомобиля от Lightyear представляет собой солнечную панель, которая, поглощая свет, преобразует его в электричество.

Привод у машин Lightyear полный. Каждое колесо - мотор-редуктор. Обратите внимание на задние колёса: они закрыты - аналогичное решение демонстрировал Volkswagen на прототипе XL1.

Производство Lightyear расположено в нидерландском Хелмонде. Ввод мощностей в эксплуатацию запланирован на 1 августа 2019 года. Здесь будут изготовлены как прототипы Lightyear One, так и первая мелкосерийная партия, которую выпустят в 2020-ом.

Выход на рынок будет осуществляться в несколько этапов. На первом стартуют продажи версии Lightyear One Signature. Таких выпустят всего 10 экземпляров, и все они предназначены для голландского рынка. В середине 2020-го выпустят ещё 90 машин: партия получит название Pioneer и будет доступна к покупке по всей Европе. Начало 2021-го, если всё пойдёт по запланированному сценарию, ознаменуется серийным выпуском электромобилей Lightyear.

Сколько будет стоить новинка, уже известно - от 119 000 евро (8,5 миллиона рублей) без учёта налогов. В компании сообщили, что на модель собрано почти 100 предзаказов.

Презентация состоится в Катвейке 25 июня 2019 года.

**https://rg.ru**

# Дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ - маҳаки асосии тақвияти содирот

**Дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар тадбирҳои зарурӣ дар самтҳои тақвияти институтсионалии дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, ташкили истеҳсолоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, диверсификатсияи содирот, содагардонии амалиёти содиротию воридотӣ ва ҳамлу нақл ва ташкили хизматрасониҳои муосир корҳои муҳим амалӣ шуда истодаанд.**

Бояд гуфт, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротӣ ва коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 мавриди амал қарор дорад.

Ҳамчунин, ҷиҳати ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ беш аз 97 номгӯи имтиёзи андозию гумрукӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда татбиқ шуда истодаанд. Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ҳам ба ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ташаккули манбаъҳои даромад аз ҳисоби арзиши баланди иловашуда, рушди иқтидорҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар аз таъсири омилҳои берунӣ нигаронида шудааст.

Ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёт ва таҳкими сатҳи технологии истеҳсолот воридоти таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои такмилдиҳандаи онҳо, ашёи хом барои коркард аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд. Андоз аз фурӯши нахи пахта бекор шуда, бар ивази он боҷи содиротии нахи пахта ҷорӣ гардид. Меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти номгӯи нави молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ қабул гардид, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, Низомномаи нави намояндагиҳои тиҷоратӣ қабул гардид.

Ҳоло регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ», «Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», «Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ», «Бехатарии борҷома», «Бехатарии таҷҳизоти пастшиддат», «Бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд», «Талабот ба бехатарии бензини автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ, мазут ва сӯзишворӣ барои муҳаррикҳои реактивӣ», «Бехатарии бозичаҳо», «Бехатарии масолеҳ ва маснуоти сохтмонӣ», «Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ», «Бехатарии хӯроки чорво ва иловагиҳои он», «Маҳсулоти шарбатӣ аз меваҳо ва (ё) сабзавот», «Бехатарии маҳсулоти таъиноти кӯдакон ва наврасон», «Маҳсулоти тамоку», «Бехатарии маҳсулоти мебелӣ» мавриди татбиқ қарор доранд. Татбиқи регламентҳои техникии номбурда имкон медиҳад, ки истеҳсол, воридот ва фурӯши маҳсулот дар низоми муайяншуда ба танзим даровarda шаванд, инчунин барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва пешгирии воридоти маҳсулоти пастсифат дар бозори истеъмолӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё гардад.




Ҳамчунин, барои таҳлили ҳаматарафаи сохтори молии гардиши савдои хориҷӣ, таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо Гурӯҳи доимоамалкунандаи коршиносон оид ба такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷӣ ҷиҳати дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди содирот фаъолияти дорад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҷорӣ, дар раванди истеҳсоли молу маҳсулот, барасмиятдарории гумрукӣ, масъалаҳои сифат ва дигар хизматрасониҳо Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо фаъолият намуда истодааст, инчунин марказҳои миллии иттилоотӣ оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо, оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ таъсис ёфтаанд.

Бо мақсади муаррифии имкониятҳои содиротию сармоягузорӣ ва дастраси доимии соҳибкорон ба иттилооти зарурӣ Портали савдои Тоҷикистон (www.tajtrade.tj) аз 26 апрели соли равон расман фаъол гардид. Дар портали мазкур маълумоти зарурӣ оид ба имкониятҳои содиротии кишвар, давлатҳои ҳамшарики тиҷоратӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти савдои хориҷӣ ҷой дода шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ба истиснои ашёи хоми дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, қабул гардиданд.

Татбиқи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти тақвияти истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда имкон дод, ки дар сохтори содирот ҳиссаи маъданҳо, семент, қувваи барқ, маҳсулоти тайёр аз пахта, шоҳӣ, пустҳои коркардшуда, металлҳои сиёҳ ва дигар маҳсулоти коркарди ниҳоӣ ва дорои арзиши изофашуда зиёд гардад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар соли 2018 дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, ба монанди семент ва маҳсулоти тайёр аз он, масолеҳи сохтмонӣ, қубурҳо, дару тирезаҳои пластикӣ, маҳсулоти рангу бор, либосҳои мактабӣ ва маҳсулоти озуқа ва дастовардҳо назаррас арзёбӣ мешаванд. Дар сохтори воридот низ дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд. Омили асосии афзоиш ёфтани қисмати воридоти гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2018 бештар ба татбиқи имтиёзҳои андозӣ, бахусус, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоти технологӣ, воситаҳои нақлиёти заминӣ, металлҳои сиёҳ ва маҳсулоти тайёр аз он, ашё барои либоси мактабӣ, хӯроки омехтаи паранда ва чорво, ашё ва таҷҳизоти инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад.

Қайд бояд намуд, ки дар сурати пурра ва самаранок истифода шудани захираву иқтидорҳои мавҷуда дар соҳаҳои номбаршуда истеҳсолоти ватанӣ, содиротӣ ва воридотивазкунӣ тақвият меёбанд. Ҳалли масъалаҳои ҷойдошта барои таъмини амнияти озуқаворӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва дар заминаи он ғанигардонии буҷети кишвар аз ҳисоби пардохти андозҳо метавонад хуб мусоидат намояд.

**Олимҷон АШУРЗОДА,**
**сармутахассиси Раёсати танзим ва рушди савдои хориҷии Вазорати рушди иқтисод ва савдо**

ЭЪЛОН

## Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод карда мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj , аз Маркази тамос ба воситаи рақами трелефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумакти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар натиҷаи амалиёти Гурӯҳи корӣ, ки бо мақсади гузаронидани санҷиши амалиётии андоз дар фаъолияти андозсупорандагони ба хариду фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт машғулбуда ба шаҳри Душанбе сафарбар шуда буд, 36 андозсупоранда бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин шуда, дар фаъолияти 7 андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб гардид. Инчунин, 21 коргари кироя бо шартномаи меҳнатӣ таъмин гардида, 6 шахси воқеӣ, ҳамчун иҷорадиҳандаи объектҳои ғайриманқул, ба қайд гирифта шуд.**

# Рафъи камбудиҳо



Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода иттилоъ дод, гурӯҳ фаъолияти 140 андозсупорандаеро, ки ба хариду фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт машғул буданд, мавриди санҷиши амалиётӣ қарор дода, дар ин самт қонуншиканиҳоро ошкор намуд.

Гурӯҳи корӣ барои тартиб надодани санади муқоисавӣ нисбати 21 андозсупоранда протоколҳои маъмурӣ тартиб додааст. Дар натиҷа, 36 нафар барои дурустии уҳдадориҳои андозӣ ба мақомоти андоз барои тартиб додани санади муқоисавӣ муроҷиат кардаанд. Инчунин, дар 36 ҳолат аз ҷониби шахсони воқеӣ бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан ошкор шуд, ки бо тартиб додани протоколи маъмурӣ ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ онҳо бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ - шаҳодатнома ва патент таъмин гардиданд.

М. Давлатзода зикр намуд, ки Гурӯҳи корӣ 7 ҳолати аз тарафи андозсупорандагон риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012, таҳти №451 ва 6 ҳолати бе қайд ба иҷора додани амвол аз ҷониби шахсони воқеиро низ ошкор намудааст. Дар натиҷа, онҳо ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд.

Масалан, чуноне муайян гардидааст, шахси воқеӣ Хуршед Пахолов муддати 2 моҳ бе қайд дар мақомоти андоз ба хариду фурӯши қисмҳои воситаҳои нақлиётӣ машғул мебошад. Дар натиҷа, нисбати ӯ ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, дар фаъолияташ аз манбаи 58,3 ҳазор сомонӣ ба маблағи 4,1 ҳазор сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамзамон, номбурда ҳамчун андозсупоранда дар ноҳияи Сино ба қайд гарифта шуда, бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ-шаҳодатнома таъмин шудааст.

Инчунин, нисбати шахсони воқеӣ Зариф Розиқов ва Ҳасан Сафаров, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба хариду фурӯши қисмҳои воситаҳои нақлиётӣ машғул буданд, протоколҳои маъмурӣ тартиб ёфтаанд. Аниқтараш, нисбати З. Розиқов ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, аз манбаи 15,3 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб гардидааст. Маблағ ба буҷет пардохт шудааст. Нисбати Ҳ. Сафаров ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, аз манбаи 12,0 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб гардидааст. Ҳарду ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, бо шаҳодатнома таъмин гардидаанд.

Санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти соҳибкор Зоир Ҷаъфаров муайян кард, ки фаъолияти номбурда бар хилофи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012, таҳти №451 буда, бо даромади зиёда аз 100 ҳазор сомонӣ тариқи патент ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор 23,1 ҳазор сомонӣ даромади барилова ҳисоб шуда, он ба буҷет пардохт гардид. Инчунин, соҳибкор З. Ҷаъфаров патенти соҳибкории худро қатъ намуда, бо шаҳодатнома фаъолияташро идома медиҳад.

Ҳамзамон, дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ 14 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот нишон надодани 21 коргари кироя ва кам нишон додани музди меҳнати онҳо ошкор шудааст. Нисбати ин субъектҳо аз манбаи 235,7 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат 89,5 ҳазор сомонӣ (аз ҷумла, андоз аз даромад 58,9 ҳазор сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 30,6, ҳазор сомонӣ) андозҳои барилова ҳисоб карда шуда, 65,4 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст. Коргарони кироя бешартномаи меҳнатӣ низ ошкор ва дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудаанд.

Масалан, тавре муайян шуд, соҳибкори инфиродӣ Раҷабалӣ Салимов, ки ба хариду фурӯши шинаҳои воситаҳои нақлиётӣ машғул буд, зиёда аз ду моҳ бе бастани шартномаи меҳнатӣ 3 коргари кирояро ба кор ҷалб намуда, аз музди меҳнати пардохтнамуда андозҳои дахлдорро ба буҷет пардохт накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор аз манбаи 15,8 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат ба маблағи 6,1 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамчунин, нисбати Р. Салимов барои вайрон намудани тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои истифодабарии МНХ ба маблағи 9,9 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Ба ҳамин монанд, соҳибкорони инфиродӣ Ғафур Ҳайдаров, ки ба хариду фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиётӣ машғула аст, 4 коргари кирояро зиёд аз 1 моҳ бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, андозҳоро аз манбаи 4,4 ҳазор сомонӣ пардохт накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор андозҳои барилова ҳисоб ва он пурра ба буҷет пардохт шуд. Ҳамзамон, нисбати соҳибкор барои риоя накардани тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои истифодабарии МНХ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ин маблағ ба буҷет ворид гардидааст.

Соҳибкори инфиродӣ Усмонҷон Зокиров ҳам, тавре муайян гардид, бо ҷалби 13 коргари кироя ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будааст. Санҷиш аниқ кард, ки номбурда 3 коргари кирояро зиёда аз 2 моҳ бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, аз музди меҳнати пардохтнамуда андозҳои дахлдорро ба буҷет таъмин накардааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор аз манбаи 18,0 ҳазор сомонӣ фонди музди меҳнат ба маблағи 6,8 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Инчунин, нисбати соҳибкор барои нигоҳ надоштани андоз дар манбаи пардохт ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ёфтааст, ки он ба буҷет ворид шудааст.

Санҷиши амалиётӣ муайян намуд, ки аз ҷониби баъзе андозсупорандагон талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ” аз 02.05.2013 таҳти №210 пурра риоя намешавад. Ин аст, ки 37 ҳолати риоя накардани тартиби истифодабарии МНХ ошкор гардида, нисбати онҳо ба маблағи 162,8 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст. Алҳол пардохти 113,0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардида, дар фаъолияти 7 андозсупоранда МНХ-и дорои ТИЭ насб шудааст.

